Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-63 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, E-mail: www.iutet.tj, info@iutet.tj Тел.: 907755655

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06–Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди фаъолияти соҳибкорӣ таҳти назорат ва тавҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Барои рушди ин самт дар ҷумҳурӣ тамоми шароити мусоиди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва санадҳои зарурии меъёрӣ-ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст. Ин боиси он мегардад, ки шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, афзудани ҳиссаи бахши хусусӣ ҳамчун пояи муносибатҳои бозорӣ ва нақши он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат гардад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқотии Субҳонзода Икром Субҳон дар он дарҷ мегардад, ки маҳз рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, пеш аз ҳама дар самти аз нав кор карда баровардани маҳсулот, истеҳсоли молҳои содиротӣ ва ивазкунандаи воридот ба талаботи кунунӣ пурра ҷавобгӯй набуда, дар сурати амали намудани натиҷаҳои илмии муаллиф, метавонад сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба истеҳсоли молҳои содиротӣ ва ивазкунандаи воридот таъмин намояд.

Муаллиф ҷиҳати омӯзиши мавзуи интихобнамуда дар назди худ мақсад ва вазифаҳои муайяне гузошта, дар доираи ҳали онҳо ба хулосаҳои ҷолиб омада, тавсияҳои илман асоснок пешниҳод намудааст. Дар баробари масъалаҳои назариявию методологӣ диққати бештарро ба рушди шаклҳои мушаххаси ташкилӣ-ҳуқуқии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисод ва минтақаҳои мамлакат зарур шуморидааст.

Аз ҷумла, муаллиф қайд намудааст, ки омӯзиш ва таҳқиқи фаъолияти

соҳибкории истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки самаранокии он таъмин ва иқлими мусоид дар манотиқи кишвар барои рушд ва сармоягузории он фароҳам оварда шавад. Дар автореферат пешниҳод гардидааст, ки танҳо дар асоси рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъмин карда мешавад.

Инчунин, муаллиф асоснок намудааст, ки рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар, дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз омилҳои асосии рушди устувори тамоми шакл ва навъҳои соҳибкорӣ мебошад, ки дар натиҷа ба болоравии даромаднокии субъектҳои хоҷагидорӣ, паст шудани сатҳи камбизоатӣ ва ба зиёд шудани ҷойҳои кории нав оварда мерасонад.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили мавзуи кори диссертатсионӣ муаллиф омилҳо ва равандҳои ассосии рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолиро муайян намуда, алоқамандию вобастагӣ ва таъсири мутақобилаи байниҳамдигарии соҳибкории истеҳсолӣ ва рушди соҳаҳои иқтисоди миллиро исбот намудааст.

Субҳонзода И.С. дар автореферати худ дар ҳашт банд возеҳу равшан ва дақиқу мушаххас навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониашро пешниҳод кардааст.

Аз ҷумла:

- Дар банди дуюми навгонии илмӣ нишон дода шудааст, ки тавсеаи амалияи банақшагирии индикативӣ дар иқтисоди миллӣ, дар баробари болоравии нишондиҳандаҳои стратегӣ, боз барои рушди бесобиқаи соҳибкории истеҳсолӣ ва аксари намудҳои он заминаи мусоид фароҳам месозад.

- Дар банди сеюми навгонии илмӣ Субҳонзода И.С. методикаи коркард ва таҳияи низоми афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ дар асоси гурӯҳбандии бисёрсатҳӣ тавсиф карда, субъектҳои соҳибкории истеҳсолиро дар асоси меъёрҳои пешниҳодшуда гурӯҳбандӣ карда, ва самтҳои афзалиятноки рушди онро ҳамчун “қутбҳои институтсионалии рушд”-и иқтисодиёти миллӣ ошкор ва пешниҳод кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ба муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Нақшаи миллии чорабиниҳо бахшида ба солҳои рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ва дигир барномаву стратегнияҳои давлатӣ такя намуда, татбиқи навгониҳои илмии муаллиф ба рушди босубот

ва иҷрои саривақтии онҳо метавонад дар оянда мусоидати фаъол намояд.

Истифодаи натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф дар амалия метавонад рушди минбаъдаи соҳибкории истеҳсолиро такон дода, ба ин васила рушди босуботи иқтисоди миллиро дар оянда таъмин намояд.

Дар умум автореферати диссертатсия ҳалли вазифаҳои гузошташударо бо таври пурра инъикос менамояд. Таълифоти муаллиф аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад, ки дар асоси талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №295, аз 26.06.2023) таҳия гардидааст.

Автореферати Субҳонзода Икром Субҳон дар сатҳи баланди забони илмӣ навишта шуда, аз рӯи мазмун ва сифати нигориш ҷавобгӯ ба талаботи иҷрои кори диссертатсонӣ омода гардида, аз рӯи хулосагирӣ ва муқаррароти пешниҳодшуда кори илмии ба анҷомрасида мебошад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки рисолаи илмии Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талабобҳои КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Муаллифи рисола - барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06–Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор мебошад.

**Тақризнавис,**
**Ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор** **Раҳмонзода З.Ф.**

Суроға:734061 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
к. Н. Қарабоев 63/3, тел: +992988948888,
E-mail: rzoir@mail.ru

Имзои ректори Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ,
и.в. профессор Раҳмонзода З.Ф.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорати ДТТ Нусратулло Р.

02.08.25